**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна дар мавзуи « Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04– Таърихи адабиёт, равобити адабӣ пешниҳод шудааст. Душанбе, 2023. -173 саҳифаи чопи компюторӣ.**

Диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна ба таҳқиқи яке аз масоили камомӯхташудаи илми адабиётшиносии тоҷик - тасвирҳои шоирона бахшида шуда, тасвири боди сабо дар ғазали шоирони асри XIV, ки даврони равнақи ғазалсароӣ маҳсуб мешавад, мавриди таҳқиқи густарда қарор гирифтааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки ҳар як дорои фаслҳои ҷудогонаанд ва хулосаву рӯйхати адабиёт иборат аст.

Бояд зикр кард, ки шеършиносон каломи мухайял, образ, имож ё худ тасвирро ҷавҳари зотии шеър донистаанд. Аз ин рӯ, барои дуруст омӯхтани поэтикаи шеър ва дарёфтани марому мақсади шоир бояд ба таҳқиқи тасвирҳои шоирона пардохт, зеро кашфи моҳияти асосии шеър - тасвири шоирона чун мифтоҳе хизмат хоҳад намуд, ки ба туфайли он дониш, маҳорат ва завқу салиқаи эстетикии суханвар муайян мегардад. Тасвири боди сабо яке аз тасвирҳои хеле густарда дар адабиёти форсии тоҷикӣ буда, аз устод Рӯдакӣ то ҷавоншоирони муосир ин боди хушнасими баҳориро ба гунаҳои мухталиф ба тасвир кашидаанд. Дар ғазали асри XIV тасвири боди сабо ба ҳадди камоли худ мерасад ва интихоби мавзуъ низ бо ин далел аст. Таҳқиқи тасвири "боди сабо" дар асри XIV имкон фароҳам меоварад, ки нақши ин образ дар адабиёти ҳазорсолаи мо ба дурустӣ таъйин гардад.

Барои таҳқиқи амиқи тасвири муайяни шоирона бояд манбаъ, сарчашмаи пайдоиш ва инкишофу такомули он муайян гардад, зеро бидуни донистани манбаи пайдоиши тасвир дарки ҳамаҷонибаи он аз имкон берун аст. Забирова Меҳринисо Элбеговна такя ба гуфтаи шеършиносон нахуст нақши тасвирро дар шеър таъйин намуда, баъдан

бо истифода аз луғатномаҳову фарҳангҳои асримиёнагиву муосир ва шарҳҳову рисолаҳои тадқиқотӣ маънои луғавию рамзии ирфонии сaборо равшан намудааст. Таъйини маънои луғавӣ ва рамзии ирфонии боди сабо имкон дода, ки унвонҷӯ сайри таърихии пайдоиш ва такомули тасвири боди сaборо то асри XIV ба дурустӣ муайян намуда, вазифа ва нақши онро то асри мавриди таҳқиқ мушаххас намояд.

Унвонҷӯ "боди сабо"-ро ба ҳайси маърифат ва тасвири бадеӣ дар ғазалиёти шоирони асри XIV ҳаматарафа таҳқиқ намуда, хусусиятҳои бадеӣ ва арзиши маърифатию зебошинохтии онро ба дурустӣ муайян кардааст. Бино ба таҳқиқи унвонҷӯ, дар ғазали асри XIV ду тарзи тасвири боди сaборо мушоҳида мешавад: Дар қисмати аввал сабо ба сифати мабдаи тасвир ва дар қисмати дувум сабо ба ҳайси воситаи тасвир ба кор рафтааст. Муаллифи диссертатсия бо далоили илмӣ ва шавоҳиди шеърӣ собит мекунад, ки дар қисмати сабо ба сифати мабдаи тасвир, сухани шоирони бевосита дар бораи боди сабо мушаххасот ва амалиёти он меравад, аммо дар қисмати дувум маънию мавзӯоти дигар ба воситаи сабо баён шудаанд. Ҳар ду қисматро унвонҷӯ вобаста ба тасвири сабо ба мативҳо тақсим намуда, ҳар яки онҳоро ҷудогона мавриди таҳқиқ қарор додааст. Масалан, дар зерфасли "Сабои орифона" мафҳуми рамзии ирфонии сабо коркард шуда, усули корбурд ва вазифаву мушаххасоти он дар ашъори шоирони орифи ин аҳд бо далелҳои илмӣ ва шавоҳиди шеърӣ собит шудааст.

Дар боби охири диссертатсия хусусиятҳои бадеии боди сабо дар тасвирҳои шоирона, ки суханварони ин аҳд бо воситаи мафҳуми сабо офаридаанд, ҳаматарафа таҳқиқ шуда, арзиши маърифатӣ ва эстетикии онҳо муайян гардидааст. Муаллиф бо далелҳои илмӣ собит мекунад, ки корбурди санъатҳои бадеӣ дар ғазали асри XIV ҳангоми тасвири сабо хеле устодона буда, дар як байт чандин санъат ба мушоҳида мерасад.Аз ҷумла, санъатҳои лафзӣ, ки аслан барои ороиши суханaнд, аммо дар ғазали ин аҳд ин санъатҳо дар баробари санъатҳои маънавӣ барои ифодаи маънӣ низ истифода шудаанд. Унвонҷӯ аз моҳияти мавзуъ ба

хубӣ огоҳ аст ва донишу малакаи суханшиносии ӯ имкон дода, ки мавзуи мавриди таҳқикро дар қиёсу муқобала бо назардошти талаботи поэтикаи суннатӣ ва адабиётшиносии муосир баррасӣ намуда, ба хулосаҳои дурусти илмӣ расад. Дар хулоса натиҷаи таҳқиқ ба таври мӯъҷазу ихчам пешниҳод шуда, ки аксар далоилӣ илмӣ дошта, қобили қабуланд.

Хулоса, диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири “боди сабо” дар ғазали асри XIV» як кори илмии ба итмомрасида буда, метавон онро ба дифоъ пешниҳод кард.

**Роҳбари илмӣ:**

Доктори илми филология,
профессор Исрофилниё Ш.Р.

**Имзои Исрофилниё Ш.Р.- ро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.